Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

_______ профессор Раҳмон Д. С.
«___» ___апрели___ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Нуриддин Парвин Раймалихон дар мавзуи «Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Нуриддин Парвин Раймалихон фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи илмҳои сиёсӣ мебошад. Зеро ҳар як давлат яке аз самтҳои нозуки рушди ҷомеаро ба дуруст муайян намудани сиёсати кадрӣ маҳсуб медонад. Дуруст пайдо намудани неруи ақлонии лозима ва ба таври зарурию самаранок истифода намудани он вазифа ва мақсади аввалиндараҷаи ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи Нуриддин Парвин Раймалихон таҳти унвони «Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, № 311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Неруи инсонӣ дар раванди идораи сиёсӣ ҳамчун омили асосӣ ба шумор рафта, тақвияти он воситаи муҳимми таъмини самаранокии раванди идоракунӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина дар Тоҷикистон ба мавзуи навсозии ҳайати кадрии хизматчиёни давлатӣ пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ҷалби мутахассисони касбӣ ба хизмати давлатӣ яке аз чораҳои муассири тақвияти ҳайати кадрӣ дар хизмати давлатӣ буда, зиёдшавии теъдоди онҳо дар ин соҳа пайваста амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи давлатҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идораи давлатӣ тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси соҳаи идораи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Яъне дар қатори дигар захираҳое, ки давлат дорад, захираҳои инсонӣ низ яке аз омилҳои муҳимми рушди ҳар кишвар ба ҳисоб меравад.

Самаранокии идоракунии давлатӣ аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Таҳлили таҷрибаи сиёсии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки айни замон таваҷҷуҳи зиёди давлату Ҳукумат ба ҷавонони кишвар афзудааст. Насли ҷавон дар шароити муайяни таърихӣ метавонад, ки зуд мутобиқ шуда, ҷараёни иҷтимоишавиро дар хизмати давлатӣ босамар гузашта, ба тағйироти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ зуд мутобиқ мешавад. Яъне, ҷомеа дар замоне қарор дорад, ки бояд қишри фаъол, ташаббускор, серҳаракат, неруманд ва пуриқтидоре ба майдон оянд, ки стратег, ояндабину таҳлилгар бошанд. Аз назари усулӣ ҷомеа рушдёбанда буда ва хизмати давлатиро бояд бо кадрҳои пешоҳангу ояндадору ояндасоз таъмин гардонад. Яъне сиёсати давлатии кадрҳо бо тарбияи ҷавонон дар руҳияи фарҳанги миллӣ алоқамандии наздик дорад.

Мубрам будани мавзуи таҳқиқот боз дар он аст, ки сиёсати кадрӣ навъи мустақили сиёсати давлатӣ мебошад. Ғайр аз ин, гуногунии вазифаҳои сиёсӣ ба сиёсати давлатии кадрҳо мақоми илмҳои сиёсиро медиҳад, чунки он соҳаро дар шакли раванди сиёсӣ ифода менамояд.

Сиёсати давлатии кадрҳо падидаи мураккаби ташкилию сиёсӣ буда, мазмуни дуҷониба дорад. Аз як тараф, он бояд тамоми кори вобаста ба кадрҳоро дар низоми идоракунии давлатӣ – интихоб, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо, муайян намудани вазифаҳои фаъолият, дастурамалҳои касбии онҳо ва қарорҳои қабулшударо таъмин намояд. Аз ҷониби дигар, он асосҳои қонунгузорӣ, усулҳои ташкилӣ ва фаъолияти сохторҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар танзими масъалаҳои кадрӣ муайян менамояд. Вобаста ба ин, сиёсати давлатии кадрҳо маҷмӯи муқаррароти назариявӣ, методологӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки асоси ғоявии он ба шумор мераванд, дар амалияи кор бо кадрҳо истифода мешаванд.

Давлат ва сиёсати давлатии кадрҳо – қисматҳои якдигарро такмилдиҳандаи ҷузъи як раванд мебошанд. Давлат чунин сиёсати кадриро таҳия ва татбиқ менамояд, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ, таъмини рушди устувори ҷомеа, тақвияти тамомият ва ягонагии он равона карда шудааст.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки дар шароити навсозии бунёдии муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатии кадрҳо ташаккул меёбад, ки усулҳои ягонаи кор бо кадрҳоро дар тамоми сатҳҳо муқаррар менамояд. Муносибатҳои иҷтимоӣ, бо муносибатҳои шахсӣ, байнишахсӣ ва гурӯҳӣ бо дарназардошти сатҳи умумият ва тафовути фардҳо, касбу кор, авлавиятҳои сиёсӣ, мақоми иҷтимоӣ, вазъи моддӣ ва бисёр омилҳои дигар алоқамандӣ доранд. Ҳамаи ин омилҳоро бояд сиёсати давлатии кадрҳо мадди назар гирад.

Рӯйдодҳои даҳсолаи охир низоми идораи давлатиро ба таври назаррас тағйир дод, рушди босуръати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба амал омад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти сиёсати давлатии кадрҳоро дар низоми хизмати давлатии

шаҳрвандӣ тақвият бахшид. Сиёсати кадрӣ ин унсури қавии идоракунӣ буда, хусусияти самаранокии фаъолияти хадамоти давлатиро баланд мебардорад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия боз дар он ифода мебад, ки сиёсати давлатии кадрҳо муҳимтарин ниҳоди давлати Тоҷикистон (барои ҳар як давлати дигар низ) буд, ҳаст ва хоҳад буд. Сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ вазифаи ташаккули хизмати давлатии нави муносиб бо давраи гузариш, бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро дар асоси иқтисоди рушдёфтаи бозорӣ гузоштааст.

Бинобар ин, омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо дар Тоҷикистон, ҷанбаҳои гуногуни бунёд ва фаъолияти он, таҳқиқи асосҳои қонунгузорӣ ва асосҳои назариявии он, хусусиятҳо, анъанаҳо, таърихи пайдоиш ва рушди он аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Марҳалаи ибтидоии шаклгирии хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон бар хилофи дигар кишварҳои пасошӯравӣ дар шароити муқобилияти шаҳрвандӣ сурат гирифт, ки албатта, ба натиҷаи рушди сиёсати давлатии кадрҳо таъсир расонид.

Вобаста ба ин, диссертатсияи П. Р. Нуриддин, ки ба масъалаҳои ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст, дар самти илмҳои сиёсӣ бори нахуст дар шакли маҷмӯи мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва таҳқиқоти мазкур ба муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавассути он таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини инкишофи босуботи ҷомеаро дар бар мегирад. Бинобар ин, имрӯз мавзуи мазкур яке аз масъалаҳои муҳим мебошанд.

**Саҳми муаллифи таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи зикргардида дар он аст, ки ӯ вазифаҳо ва навгониҳоро мураттаб сохта, пешниҳодҳои мушаххас ва хулосаҳои таҳлилӣ, ҳамзамон тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар мавриди масъалаҳои баррасишаванда ташхиси илмӣ намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқ мавзуъҳои мухталифи назариявию амалии истифодаи технологияҳои сиёсӣ, асарҳои коршиносону мутахассисони ватанию хориҷиро истифода намуда, ҳамзамон онҳоро ба сифати манбаъ ва сарчашмаҳои сатхи гуногун ба таври самаранок истифода намояд. Кори диссертатсиониро муаллиф мустақилона навишта шуда, ҳамчун масъалаи илман асоснокшуда дар сатҳи зарурии навгониҳои илмӣ таҳия намудааст. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар вазъи имрӯза навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Мақсади асосии таҳқиқотро** омӯзиши амиқ ва таҳлилу натиҷагириҳои васеи муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои сиёсати кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавассути он таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини инкишофи босуботи ҷомеа ташкил менамояд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои раванди ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ дар раванди таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

1) омӯзишу коркарди заминаҳо, муайян кардани захираҳо ва муқаррар кардани асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ;

2) муқаррар ва муайян кардани фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқу баррасӣ намудани роҳҳои дарки моҳиятии мавзуи баррасишаванда;

3) омӯзиш ва коркарди марҳалаҳои асосии пайдоиш, таҳлили раванди ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо;

4) таҳқиқу таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа;

5) таҳлили асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасӣ намудани фаъолияти ниҳодҳои дахлдори давлатӣ перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи мазкур;

6) омӯзиши Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани хусусиятҳои асосии он, муайян намудани роҳу воситаҳои такмили он дар доираи манфиатҳои миллӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дурнамоии давлат;

7) мавриди баррасӣ қарор додани низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи ислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ;

8) тавсифи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи омӯзиши қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ, рушди низоми ояндабинии давлатӣ, таҳлили барномаҳои давлатӣ, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи мазкур;

9) муайян ва мушаххас намудани мушкилиҳо, таҳқиқи монеаҳо ва таҳлил намудани пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарёфти роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои мухталифи сиёсати кадрӣ ба муаллифи диссертатсия муяссар гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар бахшҳои гуногуни таҳқиқот ошкор созад. Аз ҷумла, муаллиф тавонистааст, ки навгониҳои кори диссертатсиониро ба таври муваффақона нишон диҳад. Таъкид мегардад, ки навгонии илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ бармеояд. Он ҷиҳатҳои зеринро фаро гирифтааст:

– заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ дарёфт, коркард ва муайяну муқаррар гардиданд;

– мафҳумҳои «сиёсат», «давлат» ва «кадрҳо» ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати ошкор сохтани ҷанбаҳои назариявӣ, тазодҳо ва алоқамандии байни онҳо баррасӣ ва таҳлил гардиданд;

– фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, роҳҳои дарки моҳиятии мавзуи баррасишаванда муқаррар, муайян ва таҳқиқ гардид;

– марҳалаҳои асосии пайдоиш, раванди ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо мавриди омӯзиш, коркард ва таҳлил қарор дода шуданд;

– сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу таҳлил шудааст;

– асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ баррасӣ ва таҳлил гардиданд;

– Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои асосии он, роҳу воситаҳои такмили он дар доираи манфиатҳои миллӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дурнамоии давлат муқаррар ва муайян шуданд;

– низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт;

– мушкилиҳо, монеаҳо ва пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ муайяну мушаххас гардиданд;

– тавсияҳо ҷиҳати амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани муассирияти сиёсати давлатии кадрҳо, беҳтар намудани сатҳу сифати идораи давлатӣ ва бартараф кардани камбуду норасоиҳои соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо пешниҳод гардиданд.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия тағйироти сифатии тайи солҳои Истиқлоли сиёсии давлат бавуҷудомада мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд, ки метавон натиҷаҳоро дар таҳқиқоти минбаъда истифода намуд. Онҳо дар раванди таҳлил ва натиҷагириҳои омӯзиши ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон такмил додани самтҳои афзалиятноки он ва бевосита дар рушди ҷомеаи тоҷикистонӣ аҳамияти муҳим доранд.

Муқарраротӣ асосӣ, хулосаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ, хусусан барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ, инчунин дар раванди омода намудани консепсияҳои соҳавии сиёсати кадрӣ ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҳангоми муносибатҳо бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, намояндагиҳои иҷтимоӣ, кор бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҷиҳати демократикунонии низоми идоракунии давлат истифода намуд. Натиҷаҳои мазкурро, инчунин ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии мухталифи илмҳои сиёсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва низоми бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ истифода намуд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дақиқ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Тасвиби натиҷаҳои диссертатсия дар корҳои нашргардида.** Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии диссертатсияро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 2 монографияи илмии муаллиф ва 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии диссертатсия дар 6 конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро пайдо кардаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, чор боб, ки дарбаргирандаи даҳ зербоб аст, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо»** аз се зербоб иборат аст, масъалаҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо дар илмҳои сиёсии муосир, ҳамзамон мафҳумҳои «сиёсат», «давлат» ва «кадрҳо» ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ, ҷанбаҳои назариявии мавзуъ, тазодҳо ва робитаҳои онҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳоро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар зербоби куми боби якум муаллиф заминаҳо, захираҳо ва асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳоро таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо мерасад, ки дар илмҳои муосири сиёсӣ назарияҳо, андешаҳо, консепсияҳо ва назарҳои гуногун аз ҷониби намояндагони мактабҳои илмӣ оид ба асосҳои методологии омӯзиши сиёсати давлатии кадрҳо пешниҳод карда мешавад. Табиист, ки миёни равияҳои илмии муосир оид ба ҷанбаҳои сершумори сиёсати давлатии кадрҳо ва идоракунии маъмурӣ фикру мулоҳизаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Баҳсҳои илмие, ки миёни намояндагони назарияҳои гуногун сурат мегиранд, сиёсати давлатии кадрҳоро ғанӣ месозанд. Дар ин қисмати таҳқиқот муаллиф маъқид месозад, ки ба андешаи намояндагони аксари мактабҳои илмӣ сиёсати давлатии кадрҳо дар доираи сатҳҳо ва шохаҳои асосии идоракунии давлат амалӣ мешавад. Ниҳоди таъминоти кадрии идораи давлатӣ ва маҳаллӣ дар сиёсати давлатии кадрҳо ҷойгоҳи афзалиятнокро ишғол мекунад.

Дар зербоби дуюми боби якум муаллифи диссертатсия мафҳумҳои «сиёсат», «давлат» ва «кадрҳо»-ро ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ, ҷанбаҳои назариявии мавзуъ, тазодҳо ва робитаҳои онҳоро таҳлил намуда, ба

чунин хулоса мерасад, ки барои дарки дуруст ва ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии кадрҳо аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намудани мафҳумҳои марказии ин раванд – сиёсат, давлат ва кадрҳо зарур аст, чунки маҳз ба воситаи таҳқиқи онҳо дарки моҳияти сиёсати давлат дар маҷмӯъ ва ниҳодҳои он дар дар арсаи идоракунӣ ба таври аслӣ имконпазир мегардад. Инчунин аз назари муаллиф давлат чун яке аз мафҳумҳои марказии илмҳои сиёсӣ дар як замон ҳам ба сифати иштирокчии идоракунии давлатӣ, маъмурӣ ва ҳам сиёсӣ баромад менамояд. Татбиқи муваффақонаи вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо боиси баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мегардад (С. 92).

Инчунин муаллиф дар зербоби сеюми боби якум, фаҳмиши шаклӣ ва моҳиятии сиёсати давлатии кадрҳоро баррасӣ намудааст. Аз тарафи муаллифи диссертатсия марҳалаҳои тарҳрезии сиёсати давлатии кадрҳо чун падидаи иҷтимоӣ ошкор ва табақабандӣ шудаанд, хусусан (1) ташаккули доктринаи кадрии муайянкунандаи самти консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо; (2) муайян намудани ҳадафҳо, афзалиятҳо, равишҳо ва методҳо; (3) таҳия намудани барномаҳо (ҳадафнок, соҳавӣ, маҷмӯӣ ва ғайра); (4) таҳия намудани нақшаҳо ва интихоби воситаҳои пешбурди сиёсати кадрҳо, муайян намудани фишангҳои таъсиррасонӣ ва усулҳои танзими масъалаҳои мушаххас.

Боби дуюми диссертатсия – **«Пайдоиш, ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатии кадрҳо»** ба мавзуъҳои ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо дар Мисри Қадим, Бобулистони Қадим, Ҳиндустони Қадим, Хитойи Қадим, Юнони Қадим, давлати Сомониён, раванди сиёсати кадрии Аврупо дар Асрҳои миёна, рушди сиёсати кадрии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, аз давраи эълони Истиқлол, ҳамзамон ба таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои рушдёфтаи Ғарб бахшида шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти махсуси масъала, муаллиф дар доираи мавзуи диссертатсия омӯзиш ва таҳлили марҳалаҳои асосии пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳоро, бахше аз самтҳои асосии таҳқиқоти худ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм аз ҷониби муаллиф таъкид мегардад, ки назария ва амалияи сиёсати давлатии кадрҳо роҳи мураккаби пайдоиш, ташаккул ва такомулро сипарӣ намудааст. Инчунин аз диди муаллиф назария ва амалияи идоракунии давлатӣ таърихи тулонӣ дорад. Дар таърихи худ андеша ва таҷрибаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи кадрҳо шакли он тағйир ёфта, моҳияти аслии он – идораи корҳои давлатӣ бетағйир боқӣ мондааст (С. 148). Ба андешаи муаллиф, бо дарназардошти он, ки нахустин шаклҳои ибтидоии давлат чун ниҳоди сиёсӣ дар Дунёи Қадим ташаккул ёфтаанд, онҳо асосгузорони назария ва амалияи идоракунии низоми давлатӣ ба шумор меравад.

Ҳамзамон, муаллиф таъкид месозад, ки ҳар як раванд ва падида роҳи мураккаби пайдоиш, шаклгирӣ ва такмилро тай менамояд. Сиёсати давлатии кадрҳо чун падидаи иҷтимоию сиёсӣ якҷо бо ниҳоди давлат пайдо шуда, дар

роҳи тӯлонии рушди давлат ҳамроҳи зернизоми иқтисодии, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа таҳаввул намудаанд. Бинобар ин, таҳлили марҳалаҳои асосии пайдоиш ва рушди афкори мутафаккирон оид ба масаъалаи идоракунӣ бо такя ба усули таърихнигорӣ чун методи асосии таҳқиқоти илмҳои ҷомеашиносӣ зарур аст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, муаллиф таҳқиқи пайдоиши давлатдории Иттифоқи Советӣ, сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатии замони советӣ барои дарку фаҳмиши масъалаҳои муосири идорӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили минбаъдаи онро зарур шуморида, таъкид менамояд, ки хусусан барои давлатҳои тозатаъсиси мустақил дар ҳудуди пасошӯравӣ муҳим аст, то ин ки дар амалӣ намудани чунин ҷузъи сиёсати давлатӣ, монанди масъалаи кадрӣ ба иштибоҳот роҳ надиҳанд. Аз назари муаллифи диссертатсия Иттифоқи Советӣ чун яке аз марказҳои пешбари ҷомеаи ҷаҳонӣ таҷрибаи махсуси микёснок ва бисёрҷонибаи ташкилии хизмати давлатиро андӯхта буд. Бинобар ин, таҳлили таърихии таҷрибаи идоракунии давлатии Иттифоқи Советӣ имкон медиҳад, ки дар он бисёр чизҳои муфид дида шавад. Дар сурати муносибати эҷодкорона, таҳлили он барои замонасозии сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷолиб хоҳад буд.

Муаллиф дар боби сеюми рисола – **«Ташаккул, инкишоф ва воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки аз се зербоб иборат аст, масълаҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи мазкур баррасӣ ва таҳлил гардиданд.

Дар зербоби якуми боби сеюм аз ҷониби муаллиф таъкид мегардад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сифати асоси қонунгузории танзимкунандаи ташаккули хизмати давлатӣ дар раванди татбиқи сиёсати идоракунии ҷомеа аҳамияти муҳим доранд. Аз ин гурӯҳи манбаъҳо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳлӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия», «Тартиби нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ» бештар муҳимманд.

Дар навбати худ, муаллиф ишора менамояд, ки ба туфайли сиёсати кадрии даҳсолаи охир пояи асосии ниҳоди хизмати давлатӣ тарҳрезӣ, таҳия ва ҷорӣ шуд, нақшаҳои омодагии санадҳои меъёрии зарурӣ барои афзоиши муассирии фаъолияти ин ниҳод муайян карда шуданд. Дар айни замон, усулҳои асосии ҷомеаи демократӣ дар низоми нави хизмати давлатӣ ва сиёсати кадрӣ ба сурати комил амалӣ нашудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм муаллифи диссертатсия Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии онро баррасӣ намудааст. Муаллиф таъкид менамяод, ки дар мавриди зернизоми меъёрӣ ва арзишӣ такмили низоми қонунгузории кадрӣ, мушаххас намудани самтгирии он ба ҳалли вазифаҳои муҳим зарур аст. Мукаммал намудани «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд на ҷанбаи расмӣ, балки ҷанбаи мантиқӣ ва мушаххасии ислоҳотро зимни муқаррар намудани низоми поксозии ниҳодии сиёсати давлатии кадрҳо ва муҷозот барои вайрон кардани онҳо таъмин намояд (С. 224).

Зербоби сеюми боби сеюм ба таҳлили ислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ, низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Аз назари муаллиф, вақте нигоҳҳо, мавқеъҳо ва амалкардҳо дар сатҳи шахсию маҳаллию ҳизбию гурӯҳӣ боқӣ мемонанд, худи давлат низ заиф ва осебпазир мегардад. Дар чунин ҳолат, ба сабаби шахсӣ, ҳизбӣ, гурӯҳӣ ё маҳаллӣ боқӣ мондани нигоҳҳо, тағйири доираҳои элитаи сиёсӣ хусусияти мутлақ мегирад, яъне, гурӯҳи роҳбари нав маъмулан, гурӯҳи роҳбари пешинаро бо тамоми аъзояш «аз боло то пойин» аз саҳна дур карда, тамоми низоми сиёсии давлат ва ҳайати кадрии давлатро аз нав ташкил мекунад ва ба ин восита, ҳокимияти ҳар нерӯи сиёсии нав ҳамеша «аз сифр» оғоз мешавад.

Боби чоруми диссертатсия – **«Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он»** ном дошта, самтҳои имтиёзноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи омӯзиши қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ, рушди низоми ояндабинии давлатӣ, таҳлили барномаҳои давлатӣ, паёмҳо ва суханрониҳои сарвари давлат дар соҳаи мазкур тавсиф гардиданд.

Дар зербоби якуми боби чорум муаллиф муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни идораи кадрҳоро баррасӣ намудааст. Аз назари муаллиф, самти афзалиятноки таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминоти кадрӣ ба мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодии давлат мебошад. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф таъкид менамояд, ки барои истифодаи сифатноки захираҳои меҳнатӣ таҳияи барномаҳои гуногуни таъминкунандаи мақсаднокии иқтисодӣ, мавҷудияти ҷойи кор дар минтақаҳо, соҳаҳои иқтисод ва дигар бахшҳои фаъолият зарур аст. Тамоми шаҳрвандон, аз ҷумла занони қобили меҳнат ва мутахассисони ҷавон бояд имкони баробари дарёфти ҷойи корро бо дарназардошти сатҳи тахассус дошта бошанд. Барои ин бояд тадбирҳо оид ба кафолати иҷтимоӣ ва тавсеаи вазифаҳои иҷтимоии шартномаҳои дастаҷамъӣ амалӣ шаванд.

Зербоби дуюми боби чорум ба таҳқиқу таҳлили мавзуъҳои мушкилот, монеаҳо ва пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ бахшида шудааст.

Дар навбати худ, муаллиф ишора менамояд, ки таҳқиқоти амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки бе таъмини садоқати сиёсии мансабдорони минтақавӣ дастёбӣ ба идоракунии самаранок номумкин аст. Таъмини чунин садоқат фақат дар сурати тобеияти кадрии объекти хизмати давлатӣ ба субъекти идораи сиёсӣ имконпазир аст. Рафтори сиёсии мансабдор ба андозаи зиёд аз стратегияи шахсӣ муайян карда мешавад, ки аз он худмуайянкунӣ ва некуаҳволии хонавода вобаста аст. Пас, бояд ин ҳақиқати баҳснопазирро пазируфт, ки садоқати сиёсӣ ва рафтори намунавӣ (ҳадди ақал дар зуҳуроти берунии он) ҳама вақт ба муносибати субъекти сиёсати кадрҳо равона хоҳад шуд, ки аз он қароргирии ӯ дар мансаб ва дурнамои пешрафт дар хизмат вобаста аст.

Хулосаву натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дорои аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалӣ буда, барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ ва воситаҳои такмили онҳо мусоидат менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти мазкур аз норасоиҳо ҳолӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл пешниҳод намуд:

1. Диссертант ҳангоми омӯзиши масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо бештар ба таҳқиқоти муҳаққиқони Ғарб ва рус такя намудааст, ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Муаллифи диссертатсияро зарур мебуд, ки ҳангоми таҳқиқи мавзуъҳои сиёсати давлатии кадрҳо аз таҳқиқоти олимонӣ ватанӣ васеътар истифода менамуд.

2. Муаллифи диссертатсия дар зербобӣ дуюми боби дуюм дар сатҳи баланди илмӣ сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои рушдёфтаи Ғарбро таҳлили муқоисавӣ намудааст. Хуб мебуд дар зербобӣ мазкур таҳлили муқоисавии сиёсати кадрии давлатҳои рушдкардаи исломиро, хусусан Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморати Муттахидаи Араб мавриди таҳқиқ қарор медод. Чунин тарзи баррасии мавзуъ имкон медиҳад, ки масъалаи ҳалталаби он муайян карда шавад.

3. Муаллифро зарур аст, ки ҳангоми натиҷагириҳои таҳқиқот масъалаи истифодаи амалии пешниҳодҳоро ба таври мушаххас нишон медод.

4. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба масъалаи мушкилоти санадҳои меъёрии ҳуқуқии сиёсати давлатии кадрҳои ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи камтар додааст.

Дар маҷмӯъ эродҳои мазкур ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида ва арзиши илмии онро паст намекунад.

Хулоса, диссертатсияи П. Р. Нуриддин таҳти унвони «Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи банди 31-33-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақриз дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29-уми апрели соли 2024, протоколи № 9 муҳокима гардида, тасдиқ шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси маҷлис:**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи сиёсатшиносӣ Пирназаров Э. А.

**Котиби маҷлис:**
доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи
ихтисоси сиёсатшиносӣ, муаллими
калони кафедраи сиёсатшиносӣ Файзов Р. Х.

**Лоиҳаи тақризро омода кард:**
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, и.в.
профессори кафедраи сиёсатшиносӣ Назарзода П. С.

Имзои Э. А. Пирназаров, Р. Х. Файзов
ва П. С. Назарзодаро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
Амиров Ф. А.

Суроғаи муассиса: 735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Телефон (корӣ): (+992 3322) 2 35 06; 2 35 09.
Почтаи электронӣ: info@kgu.tj, somona@kgu.tj